КАРОРДОДИ №561973

"13" апрели соли 2026

шаҳри Душанбе

Аз як тараф Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк», дар шахсияти Раиси Раёсати Бонк Бобозода Ҳокимшоҳ Ҷурахон, ки дар асоси Оиннома амал менамояд, минбаъд «Фармоишгар», суроғa: шаҳри Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ, 21 ва аз тарафи дигар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Капелла" дар шахсияти Директори ҷамъият Бобоев Шамсиддин Собирович, ки дар асоси Оиннома амал менамояд минбаъд «Пудратчӣ», суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Муъминобод, ҷамоати шаҳраки Ленинград, кӯчаи Т. Раҳимов барои иҷрои кор: шинонидани гулҳои мавсимӣ дар ҳавлӣ ва ҳудудҳои вобастагардидаи Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк", воҷеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ, 21.

Бо қарордоди мазкур Фармоишгар ва Пудратчӣ ба чунин мувофиқа омаданд:

ҚИСМИ I. ТАЛАБОТҲОИ УМУМИИ ҚАРОРДОД

1.Муқаррароти умумӣ

1.1.1. «Фармоишгар»-ташкилоти харидор, ки Пудратчиро барои истеҳсолоти кор дар иншоот (ободонӣ ва гулшинонӣ) киро мекунад.

1.1.2. «Пешниҳоди тендерии фармоишгар» - ҳуҷҷатҳои пуркардашуда, ки аз тарафи Пудратчӣ ба Комиссияи озмуни пешниҳод карда мешавад.

1.1.3. «Арзиши асосии қарордод» - арзиши қарордод мебошад, ки аз тарафи Комиссияи тендерӣ дар протокол оиди қабул намудани пешниҳоди тендерии Пудратчии асосӣ нишон дода шудааст.

1.1.4. «Санаи саршавии кор» - ин санаи дар қарордод дарҷгардида мебошад.

1.2. **Муоширати расмии Фармоишгар ва Пудратчӣ.**

1.2.1. Муоширати расмии байни Фармоишгар ва Пудратчӣ ба масъалаи шинонидани гулҳои мавсимӣ танҳо бо роҳи хаттӣ амалӣ мегардад.

1.3. **Пудратчӣ.**

1.3.1. «Пудратчӣ» - ин шахс ё ташкилоти бо қарордод эътирофшуда ва дар ҳуҷҷатҳои қарордоди нишондодашудае аст, ки ягона мебошад. Истилоҳи «Пудратчӣ» маънои иҷрокунанда ё шахси ваколатдори уро дорад.

1.4. **Пудратчии ғайриасосӣ.**

1.4.1. Пудратчӣ метавонад бо иҷрокунандагони ғайриасосии ташкилотҳо қарордод бандад вале иншоотро ба у супорида наметавонад.

1.4.2. Пудратчии ғайриасосӣ бе розигии хаттии Фармоишгар бо шахси сеюм қарордод баста наметавонад. Шумораи Иҷрокунандагони ғайриасосӣ шартҳои қарордоди байни Фармоишгар ва Пудратчиро тағйир дода наметавонад.

1.5. **Таваккали Пудратчӣ.**

1.5.1. Пудратчӣ барои ҳаммаи таваккали вобаста ба зарар ва ё зарари ба амволи Фармоишгар расонидашуда, ба моликияти шахсӣ ва саломатии кормандони худ, инчунин барои марги кормандонаш, ки дар рафт ва иҷроиши қарордод ба амал меояд ҷавобгар мебошад.

1.6. **Барқароркунии зарар.**

1.6.1. Тарафҳо барои расонидани зарар, харочоти даъво барои зарар, расонидани зарар ба саломатӣ ва марги одамон, ки натиҷаи амалиёти якҷоя ё саҳлангорӣ мебошад ҷавобгар буда, товони зарарро ба тарафи дигар пардохт менамоянд.

1.7. **Бехатарии техникӣ.**

1.7.1. Пудратчӣ пурра ба бехатарии техникии истеҳсолот дар иншоот ҷавобгар мебошад.

1.8. **Бозёфт.**

1.8.1. Ҳамаи бозёфти аҳамияти таърихӣ дошта ва ё қимматноке, ки дар майдони сабзкорӣ пайдо карда мешавад моликияти шахсии Фармоишгар буда, дар сурати пайдо намудан Пудратчӣ бояд Фармоишгарро огоҳ намуда,

тавассути санад ин бозёфтро ба у супорад.

1.9. **Истифодабарии иншоот.**

1.9.1. Фармоишгар бояд ба Пудратчӣ иҷозат диҳад, ки аз ҳаммаи қитъаи барои ободонӣ ва гулшинонӣ ҷудошуда истифода намояд. Дар сурати ягон қитъаро насупоридан ба Пудратчӣ ва бо ин сабаб қафо мондани корҳои ободонӣ ва гулшинонӣ дар ин сурат Фармоишгар бояд муҳлати қарордодро ба он муҳлате, ки қитъа супорида мешавад дароз намояд.

1.10. **Ҳуқуқи даромадан ба иншоот.**

1.10.1. Фармоишгар бояд ба Пудратчӣ ё намояндаи ваколатдори у барои даромадан ба қитъаи вобастагардида иҷозат диҳад.

1.11. **Баҳсҳо.**

1.11.1. Фармоишгар ва Иҷрокунанда ҳаммаи чораҳоро меандешанд, ки баҳсҳо ва гуногунфикриро оиди иҷроиши ухдадориҳои қарордод бо роҳи мусолиҳа ҳал намоянд.

1.11.2. Агар тарафҳо баҳсҳоро бо роҳи мусолиҳа ҳал карда натавонанд, баҳсҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл мегарданд.

1.12. **Ҳуқуқи Фармоишгар ба манъ кардани кор.**

1.12.1. Агар Пудратчӣ ухдадориҳои худро оид ба бартараф намудани камбудиҳои кор, ки ба талаботи ҳуҷҷатҳои қарордод мувофиқат намекунанд иҷро накунад, инчунин муайян карда шавад, ки Пудратчӣ то ба охир корро ба анҷом расонида наметавонад, Фармоишгар ва ё шахси ваколатдори у метавонанд бо тариқи хаттӣ оиди пурра манъ кардани кор ё қисми кор то бартараф намудани монеаҳо фармоиш диҳанд.

1.13. **Ҳуқуқи Фармоишгар ба ислоҳи нуқсонҳои кори Пудратчӣ.**

1.13.1. Агар Пудратчӣ натавонад ё нахоҳад нуқсони корро ислоҳ кардан ва дар давоми 7 рузи гирифтани огоҳинома аз тарафи Фармоишгар ба у ба таври хаттӣ ҷавоб нагардонад Фармоишгар ҳуқуқ дорад бо қувваи худаш ин нуқсонро бартараф намояд ва харочотҳои мазкур аз ҳисоби пудратчӣ тарҳ карда мешавад.

2. Назорати вақт.

2.1. Дароз кардани муҳлати ободонӣ ва гулшинонӣ.

2.2. Фармоишгар дар ҳолатҳои фавқулодда ва ногувор (форс-мажор), рад кардани пешниҳод ва корҳое, ки муҳлати иловагиро талаб мекунанд муҳлати ободонӣ ва гулшинониро дароз менамояд.

3.Назорат аз болои сифат.

3.1. Санҷишҳо.

3.1.1. Пудратчӣ вазифадор аст рафти корро пурра назорат намуда ва барои ин тамоми дониш ва имкониятҳои худро истифода барад.

3.1.2. Пудратчӣ дар назди Фармоишгар барои ҳаракат ва камбудиҳои кормандонаш, иҷрокунандаи ғайриасосӣ, кормандон ва шахсони боварионоки пудратчии ғайриасосӣ ва кормандоне, ки бо иҷрокунанда қарордод дошта қисман ягон корро иҷро менамоянд ҷавобгар мебошад.

3.2. Бартараф намудани нуқсонҳо.

3.2.1. Фармоишгар Пудратчиро оиди нуқсонҳои пайдогашта ба таври хаттӣ хабардор намуда муҳлати бартараф намудани онро нишон медиҳад.

3.2.2. Пудратчӣ хабарномаро оиди нуқсони кор аз Фармоишгар гирифта, бояд дар муҳлати дар хабарнома нишондодашуда онро бартараф намояд.

4.Иҷозатномаи музд барои пардохт (иҷроиши нақша).

4.1.1. Пудратчӣ ба Фармоишгар иҷозатномаи музд (иҷроиши накша) оиди корҳои иҷрошуда барои пардохт пешниҳод менамояд.

4.1.2. Иҷозатномаи музд дорои ведомости арзиш ва ҷузъиётии қавии корҳои иҷрошуда мебошад. Фармоишгар иҷозатномаи муздро тафтиш намуда ва мувофиқи иҷозатномаи тасдиқнамуда пардохт менамояд.

4.2. Ҳолатҳои фавқулода ва ногувор (форс-мажор).

4.2.1. Дар сурати сар задани офати табии, саршавии ҷанг ё ягон намуди ҳодисаҳои фавқулодда, ки онро на Фармоишгар ва на Пудратчӣ назорат карда наметавонанд иҷроиши қарордод манъ мегардад.

4.3. Анҷоми кор.

4.3.1. Пудратчӣ баъди анҷоми тамоми корҳои дар қарордод пешбинишуда ба Фармоишгар оиди анҷоми кор хабарнома мефиристад. Фармоишгар на дертар аз 7 руз оиди баҳодиҳи ба корҳои анҷомдодашудаи қарордод гуруҳи кории махсус таъин менамояд.

4.3.2. Гуруҳи корӣ бо иштироки Пудратчӣ гузаронида мешавад.

ҚИСМИ II. ШАРТҲОИ МАХСУСИ ҚАРОРДОД.

5. Ҳуҷҷатҳои қарордодӣ.

5.1. Ҳуҷҷатҳои қарордодӣ аз қарордоди мазкур, ҳисоб-пардохт, смета ё санади нуқсон, дар ҳолати зарурӣ бошад Нақшаҳо, Таснифот, Иловаҳо, ки то мавриди амал қарор гирифтани қарордод, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои дар шартнома номбаршуда, инчунин иловаҳои баъди мавриди амал қарор гирифтани қарордод қабулгардида иборат мебошад. Ҳуҷҷатҳои номбаршуда маҷмуи ҳуҷҷатҳои қарордодиро ташкил мекунад ва қисми ҷудонашавандаи он мебошанд. Қарордоди мазкур мувофиқаи пурра ва ҳаматарафаи тарафҳо буда ҳамаи гуфтушунидҳои хаттӣ ва шифоҳии пешинаро беэътибор менамояд.

6. МУҲЛАТИ АМАЛИ ҚАРОРДОД.

6.1. Муҳлати саршавии кор санаи мавриди амал қарор гирифтани қарордод мебошад. Ҳолати истисноӣ агар бо таври хаттӣ оиди санаи дигар Фармоишгар ва Пудратчӣ ба мувофиқа оянд.

6.2. Пудратчӣ вазифадор мешавад, ки баохиррсии ҳаммаи корҳоро то “30” августи соли 2026 таъмин намояд. Муҳлат мумкин аст бо сабабҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои қарордоди бо даровардани тағиротҳои дахлдор ба қарордод тағир дода шавад. Агар Пудратчӣ шартҳои қарордодро дар муҳлати қарордод иҷро карда натавонад ба Фармоишгар ба маблаги 0,01% аз маблаҳи қарордодро барои ҳар як рузи тақвими барои таваққуфи анҷоми кор ҷарима месупорад.

7. МАБЛАҒИ ҚАРОРДОД.

7.1. Фармоишгар уҳдадор мешавад ба Пудратчӣ барои ҳаҷми корҳои мувофиқи қарордод иҷрошуда маблаҳи қарордодро дар ҳаҷме, ки дар ҳуҷҷатгузории қарордоди нишон дода шудааст пардохт намояд.

Арзиши умумӣ: мувофиқи харҷномаи пешниҳодшуда барои корҳои ободонӣ ва шинонидани гулҳои мавсимӣ дар ҳавлӣ ва ҳудудҳои вобастагардидаи КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» дар шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 21, ба маблаҳи умумии: 129359 (яксаду бисту нуҳ ҳазору сесаду панҷоҳу нуҳ) сомонӣ.

8. ПАРДОХТҲОИ ҶОРӢ.

8.1. Дар асоси иҷозатнома ба пардохт (счёт-фактура), ки Пудратчӣ ба Фармоишгар пешниҳод менамояд Фармоишгар метавонад ба Пудратчӣ давра ба давра аз ҳисоби маблаҳҳои қарордод то пурра ба анҷом расидани кор пардохт намояд.

8.2. Иҷозатнома ба пардохт (счёт-фактура) дар асоси ведомости арзиши кор (санади иҷроиши кор), ки Пудратчӣ мувофиқи шартҳои қарордод пешниҳод менамояд ҳисоби карда мешавад. Нархномаи арзиши кор ҳамаи маблаҳи қарордодро бо таксим намудан ба даврҳои алоҳидаи кор, ки бо Фармоишгар мувофиқа карда шудааст пешниҳод карда мешавад. Санади корҳои иҷрогардида, ки онро Фармоишгар тасдиқ намудааст асос барои тартиб додани иҷозатнома ба пардохт (счёт- фактура) мебошад.

8.3. Иҷозатнома ба пардохт (счёт-фактура) қисми ҳуччатҳои қарордодӣ ва дорои маълумот (реквизит)-и бонкии Пудратчӣ мебошад:

Суратҳисоб: 20001497290110000319 8, дар ҶСК «Тавҳидбонк», шаҳри Душанбе, кучаи Айни кореспондентӣ: 20404972717201, БИК: 350101720, РМА: 240006906.

9. ПАРДОХТИ ПУРРА.

9.1. Пардохти пурраи маблаҳи қарордод аз тарафи Фармоишгар ба Пудратчӣ бояд дар сурати аз тарафи Пудратчӣ

пурра иҷро намудани уҳдадориҳои қарордоди ва дигар уҳдадориҳои вобаста ба ислоҳ намудани камбудиҳо амалӣ карда шавад.

10. ҚАТЪ ВА МАНЪ КАРДАНИ ҚАРОРДОД.

10.1. Фармоишгар ё Пудратчӣ метавонанд шартномаро то муҳлати дар қарордод нишондодашуда бекор намоянд, агар як тараф ба таври назаррас қарордодаро вайрон кунад, ки онро аз шартхои асосии қарордод маҳрум менамояд.

10.2. Вайронкунии назарраси қарордод инҳо буда бо ин маҳдуд намегардад:

а) Агар Пудратчӣ якчанд маротиба ҷадвали иҷроиши корро вайрон намояд.

б) Пудратчӣ дар муҳлати аз тарафи Фармоишгар муқарраркарда нуқсонҳоро бартараф накунад.

в) Фармоишгар ё Пудратчӣ муфлис шаванд ё ин, ки барҳам дода шаванд, бо истиснои таҷдиди сохтор ё ҳамроҳшавӣ.

г) Пудратчӣ нисбати қоидаҳои кор, дастур ва муқаррароти нишондодашудаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ беэътиноӣ зоҳир намояд.

10.3. Агар қарордод бекор карда шавад, Пудратчӣ бояд фавран корро дар иншоот қатъ намояд ва дар мӯҳлати кӯтоҳ бояд иншоотро тарк намояд.

10.4. Фармоишгар метавонад ҳар лаҳза бо сабаби бе фоида будани кор ба Пудратчӣ хабарномаи хаттӣ фиристода қарордодро пурра ё қисман бекор намояд. Дар хабарнома бояд сабабҳои бекор кардани қарордод, ҳаҷми корҳои бекоркардашуда ва санаи эътибор пайдо намудани бекоркунии қарордод нишон дода шавад.

10.5. Дар чунин ҳолат Фармоишгар ҳаққи корҳои иҷрошуда, маҳсулотҳои харидоришударо пардохт менамояд.

11. НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲОИ ҚАРОРДОДӢ.

11.1. Қарордоди мазкур, ки байни Фармоишгар ва Пудратчӣ баста шудааст.

11.2. Санади нуқсон (дефектый акт).

11.3. Смета (харҷнома), ки дар он ҳаҷми кор, нархгузорӣ ва дигар ҳисобкуниҳо мавҷуданд.

11.4. Иловаҳо (агар бошад).

12. МУҚАРРАРОТИ МАХСУС.

12.1. Тағйир додани шартҳо, махсусан нарх, миқдор, ҳаҷм ва намуди коре, ки тариқи озмун харидорӣ карда шуда, бо қарордоди мазкур ба расмият дароварда шудаанд қатъиян манъ аст.

Бо тасдиқи гуфтаҳои боло тарафҳо дар асоси пайнавишти №561973 аз 27 марти соли 2026, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ" аз 15 марти соли 2023 таҳти №1955 қарордодро бо шартҳои маблағи харид 129359 (яксаду бисту нуҳ ҳазору сесаду панҷоҳу нуҳ) сомонӣ, мӯҳлати иҷрои кор то 30 августи соли 2026, ҳаҷми пардохт дар ду марҳилла пас аз қабули корҳои иҷрогардида, шакли пардохт ғайринақдӣ бастанд, ки он аз лаҳзаи имзо гузоштани тарафҳо мавриди амал қарор мегирад.

12.2. Қарордод дар 3 (се) нусха, бо забони тоҷикӣ тартиб дода шуда аст, ки онҳо қувваи баробари ҳуқуқӣ доранд ва якнусхагӣ ба Тарафҳо дода мешавад.

ФАРМОИШГАР	ИҶРОКУНАНДА
Корхонаи воҳиди давлатии бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк»	Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Капелла"
Раиси Раёсат _____ Бобозода Ҳ.Ҷ.	Директор _____ Бобоев Ш. С.
ҷ.м.	ҷ.м.
"13" апрели соли 2026	"13" апрели 2026